## Тақриз

**ба диссертатсияи доктории Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)– доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D021300 Забоншиносӣ (6D0205011 Забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Наҳв низ ҳамвора бо сарф яке аз қисматҳои асосии забоншиносӣ маҳсуб ёфта, бо воҳидҳои калонтарини забон – ибора ва ҷумла робитаи ногусастанӣ дорад. Наҳв сохту таркиби ин воҳидҳо, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои онҳо, воситаҳои грамматикии алоқаи байни ҷузъҳо ва инчунин хелҳои иборaву ҷумларо меомӯзад.

Масъалаи таҳқиқи воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносии муқоисавӣ ҷойгоҳи хосаеро ишгол менамояд, ки таваҷҷуҳи олимон ва забоншиносони тоҷику англисро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои муайян сохтани нақши воситаҳои алоқа дар забонҳои муқоисашаванда, инчунин барои нишон додани рушди бемайлони забоншиносӣ дар марҳилаи муайян арзиши махсусеро касб мекунад. Инчунин, диссертатсияи мазкур метавонад он камбудиҳоеро ки доир ба воситаҳои алоқаи наҳвии дар китобҳои дарсии то ин замон нашргардида ҷой доштанд, бартараф кунад.

Масъалаи омӯзиш воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба самти навини таҳқиқоти забонҳои муқоисашаванда алоқаманд мебошад. Вале дар тадқиқотҳои мазкур воситаҳои алоқа ба сурати умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз нигоҳи забоншинон омӯзишу пажӯҳиши воситаҳои алоқаи наҳвӣ забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ ба шумор рафта, ба таҳқиқи комил ниёз дорад, зеро ин масъала дар сарчашмаҳои мавҷуда ба таври мукаммал шарҳи худро наёфтааст.

Ба ин маъни, ба андешаи ман, интихоби мавзӯи рисолаи доктории Маҳмадсолеҳи М. «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» саривақт ва мубрам мебошад. Муҳиммияти мавзӯъро боз бо он асоснок кардан мумкин аст, ки масъалаи таҳқиқи воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Маҳмадсолеҳи М. баъди хатми муваффақиятноки курси магистратурӣ ба шуъбаи докторантураи назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шомил шуда, мавзӯи тадқиқотиашро пеш аз муҳлат ба анҷом расонид.

Диссертатсияи Маҳмадсолеҳи М. аз муқаддима, се боб ва феҳристи адабиёт иборат аст, ки ин ба нақшаи қаблан тасдиқшуда мувофиқат менамояд.

Дар муқаддима, ки саҳифаҳои 4-11-ро дар бар мегирад, мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, обзори мухтасари адабиёти алоқаманд, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот ва ғайра баён шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия оид ба аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқ масоили ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, коркарди мавзӯъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби аввали диссертатсия – «Асосҳои назариявии таҳқиқи муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур шарҳи мафҳумҳои ибора ва ҷумла, воситаи алоқа ва намудҳои аосии воситаи алоқаи наҳвӣ дар забонҳои муқоисаашванда марвиди баррасӣ қарор мегирад.

Боби дуюми диссертатсия – «Алоқаи пайваст дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур алоқаи пайвасти пайиҳам, пайвасти хилофӣ, пайвасти ҷудоӣ ва алоқаи бепайвандак мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор мегирад.

Боби сеюми диссертатсия – «Алоқаи тобеъ дар забонҳои муқоисашаванда» унвон дошта, аз дувоздаҳ фасл иборат аст. Дар боби мазкур роҳҳои ифодаи алоқаҳои вобастагӣ, мувофиқат, изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ, ҳамроҳӣ, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешояндии ҷуфт, пешояндию пасояндӣ, артиклӣ, интонатсия дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқи илмӣ қарор мегиранд.

Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳое, ки докторант дар тадқиқи мавзӯи интихобшуда гузоштааст, иҷро шудаанд. Қайдҳои ман дар ҳамкории дуҷониба, ки дар муддати се сол давом дошт, вақт ба вақт аз тарафи муаллиф ислоҳ ва ба назар гирифта шудаанд. Фақат ба тариқи илова гуфтаниам, ки дар муқаддима таҳлили адабиёте, ки бевосита ба мавзӯъ алоқаманд аст (диссертатсияҳои Д. Тоҷиев, М.Қосимова, Ф.Зикриёев), андаке такмил ёбад.

Диссертатсияи доктории Маҳмадсолеҳи Маҳмадсодиқ дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар маҷмӯъ тадқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва барои баррасӣ ба аъзоёни кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, ки докторант муддати се сол докторанти ҳамин кафедра буд, пешниҳод менамоям.

Роҳбари илмӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ
ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ, доктори илми
филология,профессор Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Сурога: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, тел.: +992 919005462
Почтаи электронӣ:jsamiddin@mail.ru

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи
Садриддин Айнӣ Назаров Давлатхон Қурбонмуродович

28. 10. 2019 с.